**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ).

Таркиби луғавии забон аз роҳҳои гуногун такмил меёбад ва яке аз ин роҳҳо калимасозӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқон нақши ин воситаро дар тули таърих барои рушди истилоҳот, такмили калимаҳои соҳавӣ, баёни андешаҳои шоирона, услубиёт ва дар маҷмуъ ташаккули таркиби луғавӣ муҳим арзёбӣ кардаанд. Дар давоми мавҷудияти забон роҳу воситаҳои калимасозӣ ва истилоҳоти ин соҳа мукаммал шуда, барои баррасиҳои илмӣ шароити хуб фароҳам овардааст. Ин аст, ки барои бозкушоии масоили марбут ба калимасозӣ дар давоми 60-70 соли охир таваҷҷуҳи олимони зиёде ҷалб шуда, ба баррасии он дар забони адабӣ, шеваҳои забон, осори адибон ва ғайра пардохта, принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ муайян гардидаанд, ки дар асоси онҳо таҳқиқотҳои илмӣ дар шаклҳои гуногун сурат гирифта истодааст. Дар ин росто таҳқиқи осори адибони хушсалиқа ва маъруфи садаҳои гуногуни таърихи адабиётамон барои кушодани гиреҳҳои номакшуфи масоили калимасозӣ ҳоизи аҳамият мебошад, ки намунаи онро дар баррасиҳои донишмандони соҳа аз рӯйи "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ (С. Ҳалимов), "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ (О. Қосимов; Р. Шодиев), осори А. Бедил (М. Олимҷонов), асарҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (Д. Хоҷаев), Абурайҳони Берунӣ (М. Ҳ. Султон), «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ (С. Низомова), осори С. Айнӣ (С. Низомова; М. Норов), асарҳои Ф. Муҳаммадиев (Т. Шокиров; А. Амлоев), Ҳофизи Шерозӣ (М. Саломиён; М. Калонова), асарҳои А. Самадов (Ҷ. А. Валиев) мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ин масъалаи муҳимми илмӣ шогирд Тоирзода Абдусалом Раҳим таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар мавзуи "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин" рисолаи илмӣ навиштааст, ки ин мавзуъ то имрӯз дастнахӯрда буда, **аҳаммияти** калони илмӣ

дорад. Ин **аҳаммият аз мубрам** будани кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Ҷиҳати мукаммалии муайян сохтани равиши кор шогирд садҳо асару мақолаҳои донишмандони Шарқу Ғарбро доир ба калимасозӣ мутолиа карда, онҳоро омӯхтааст. Бардошти муаллиф чунин шудааст, ки барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи роҳу воситаҳои калимасозӣ ва муайян кардани қолибҳои вожасозии осори Шамсиддин Шоҳин мундариҷаи корро дар се боб ва зербобҳои мутааддид танзим намояд. Дар таҳқиқи тарзи морфологии калимасозӣ шогирд ба баррасии имкониятҳои калимасозии пешванду пасвандҳо пардохта, онҳоро аз рӯйи сермаҳсулию каммаҳсулӣ ва бемаҳсулии қолибҳои калимасоз ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки дар ин масъала ба ӯ маводи осори Шамсиддин Шоҳин мусоидат кардааст.

Дар ташаккули исмҳо дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидии калимасозӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ин масъалаи муҳими илмӣ шогирд дар боби дуюми диссертатсия таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Зимни дериватсияи дубора зинаҳои калимасозӣ ба эътибор гирифта шуда, дар фаслҳои баъдӣ нақши усули пешвандию пасвандии вожасозӣ, вангунаҳо – аффиксоиду префиксоид ва суффиксоидҳои исмсоз муайян гардидааст. Масъалаи роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозии исм дар фасли алоҳида баррасӣ шуда, субстантиватсияи калимаҳои сода, сохта ва мураккаб бо ҷалби маводи мушаххаси амалию назариявӣ таҳқиқ гардидаанд, ки ба мақсаду мароми илмии кори диссертатсионӣ пурра мувофиқ мебошанд.

Дар таҳқиқи калимасозӣ ҷойгоҳи калимаҳои мураккаб муҳим мебошанд. Ин масъалаи муҳимми илмӣ дар боби сеюми рисола баррасӣ шуда, дар он исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва дар ин замина исмҳои мураккаби омехтаю сеҷузъа дар осори Шамсиддин Шоҳин таҳқиқи илмӣ гардида, нақш ва ҷойгоҳи қолибҳои калимасозӣ муайян гардидаанд.

Хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии кор мантиқӣ буда, мазмуни корро ифода мекунанд.

Ба ҳайси асосҳои назариявии таҳқиқ осори донишмандони ватанию хориҷӣ хизмат кардаанд, ки дар рисола зикр шудаанд. Интихоби дурусти усулҳои таҷзияву таҳлил, мушоҳида, тасвиру муқоиса, таҳлили морфологӣ, сохторӣ ва ғ. ба шогирд имкони ҳалли мукаммали калимаҳои сохтаю мураккабро додааст.

Аз таҳлилҳои илмии шогирд маълум мегардад, ки масъалаи ба душ доштаашро пурра дарк карда, таҳқиқи маводи осори Шамсиддин Шоҳинро дар самти калимасозӣ дар сатҳи баланд анҷом додааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопкардаи шогирд мазмуну муҳтавои корро пурра инъикос мекунанд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи "Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин" кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи рисолаҳои марбут ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкурро барои муҳокима ва дифоъ тавсия медиҳам.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Р. Раҳматуллозода

Имзои С. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Ш. Абдуллоев

«25» 08 соли 2023